UDK: 811.111.1:811.512.133(575.1) DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss3/a127

# TOJIK TILIDAGI FRAZEOLOGIK EVFEMIZMLAR

# ЭВФЕМИЗМҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

# ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЭВФЕМИЗМЫ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

# PHRASEOLOGICAL EUPHEMISMS IN TADJIK LANGUAGE

**Samiyeva Surayyo Oripovna[1]**

[1]**Самиева Сурайё Ориповна** – Донишгоҳи давлатии Тирмиз, муаллимаи кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ

***Annotatsiy***

*Maqolada tojik tilshunosligida evfemik ma'noli leksemalarning berilish ko'lamini kengaytirish, bosh so'z ko'chma ma'nolarini ifodalashning usullari, ularning grammatik tavsifi va o'ziga xos xususiyatlarini aks ettirgan. Har bir tilda evfemik ma'noli leksemalarning keng qo'llanishi shu millat va xalqning milliy muomala madaniyatining muhim belgisidir. Jamiyatimizdagi bo'layotgan katta o'zgarishlar evfemizmlarga nazariy va amaliy jihatdan o'zgarishlar kiritib, davr talabiga mos ravishda alohida o'rin tutadi.*

***Аннотатсия***

*Дар мақола васеъшавии доираи лексемаҳои дорои маънои эвфемистӣ дар забоншиносии тоҷик, роҳҳои ифодаи маъноии калимаҳои асосӣ, хусусиятҳои грамматикии онҳо инъикос ёфтааст. Дар ҳар забон паҳн шудани лексемаҳои эвфемистӣ хоси фарҳанги миллии ҳар миллату халқ аст. Дигаргуниҳои азиме, ки дар ҷомеаи мо ба амал меоянд, дар назария ва амалияи эвфемизмҳо тағйирот даровард, мавқеи муносиби худро ишгол менамоянд.*

***Аннотация***

*В статье отражено расширение сферы придания лексемам с эвфемистическим значением в таджикском языкознании, способы выражения қзначений основного слова, их грамматическая характеристика и особенности. Широкое использование эвфемистических лексем в каждом языке является важным признаком национальной культуры этой нации и народа. Великие перемены, происходящие в нашем обществе, внесли изменения в эвфемизмы в теорию и практику и занимают особое место в соответствии с требованием времени.*

***Abstract***

*The article reflects the expansion of the sphere of giving lexemes with euphemistic meaning in Tajik linguistics, ways of expressing the meanings of the main word, their grammatical characteristics and features. The widespread use of euphemistic lexemes in every language is an important feature of the national culture of this nation and people. The great changes taking place in our society have made changes in euphemisms in theory and practice and occupy a special place in accordance with the demand of the time.*

***Kalit so'zlar:*** *evfemizm, disfemizm, tilshunoslik, stilistika, sotsiolingvistika,jargon,semasiologiya,leksema*

***Вожаҳои калидӣ:*** *эвфемизм, дисфемизм, лингвистика, сотсиолингвистика, услубшиносӣ, жаргон, семасиология, лексема.*

***Ключевые слова:*** *эвфемизм, дисфемизм, лингвистика, стилистика, социолингвистика, сленг, глоссарий, семасиология, лексема.*

***Key words:*** *euphemism, dysphemism, linguistics, stylistics, sociolinguistics, slang, glossary, semasiology, lexeme.*

## МУҚАДДИМА

Ҳарчанд забон чун ҳодисаи ҷамъиятӣ дар рушду тағйироту такомулу ташаккул аст, дар забон иборaҳои хилофи шаръ ҳанӯз зиёд ба чашм мерсанд. Эвфемизмҳо ивазкунандаи номҳоеанд, ки ба забон оварданашон натиҷаи даҳшатбори шармсорӣ ва бадахлоқӣ маҳсуб мегардад. Дар ҳар забон калимаҳои дурушту дағале мавҷуданд, ки гӯянда аз истифодаи онҳо худдорӣ мекунад. Эвфемизм дар забон бо мақсади ороиши сухан, хушкаломӣ истифода бурда мешавад. Истилоҳи эвфемизм дар “Луғати терминҳои забоншиносӣ” чунин таъриф дода шудааст: “Эвфемизм (юн. euphemismos – аз eu – хуб, нек + hemi – мегӯям, гап мезанам). Дилкашу нарм ифода кардани мафҳуми ин ё он предмет ё ин ки ҳодисаю воқеа: ифодаи латифу ҷозибанок ба ҷойи ифодаи дурушту дағал”[1,214]. Дар китоби доктор Моҳаммад Фаллаҳи Могҳимӣ “Dictionary of linguistics & language learning” чунин таъриф дода

шудааст: “Хушоҳангӣ-хушояндии савтӣ: дар мабҳаси овозшиносӣ дилпазир: иборат аст аз ба кор бурдани вожаи матлуб ва дилпазир ба ҷойи калимаи номатлуб”[2,25].

Ибораҳои фразеологӣ ҳамчун калимаҳои ҷудогона функсияи номинативиро иҷро мекунад. Ингуна ибораҳо дар забон ибораҳои идиомавӣ (юнонӣ. idioma – ибораи рехта) мебошад. Вожаҳои табушуда ва кӯҳна низ бо эвфемизмҳо мавриди мубодила қарор мегирад. Дар забони тоҷикӣ дар баробари истифода шудани вулгаризмҳои фразеологӣ воҳидҳои дигари фразеологӣ бо номи эвфемизмҳои фразеологӣ истифода мешаванд, ки онҳо барои нарм ва салису гӯшнавоз баён намудани ҳодисаву воқеот ва муносибату аҳволи шахс истифода мегарданд.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Маҳз ба воситаи эвфемизмҳо эҳтироми шахс ба ҷо оварда мешавад, ба ҷойи сухани дағалу дурушт сухани нарму мулоим ва равон истифода мешавад. Дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ методҳои зерини лингвистӣ истифода бурда шуд: методи таҳлили луғавӣ ва семантикӣ, методи тасвирӣ, муқоисавӣ, диахронӣ, сотсиолингвистӣ ва ғайраҳо.

Дар бораи хусусияти ҷудогонаи эвфемизмҳо забоншиноси тоҷик Ҳ.Маҷидов чунин мегӯяд: «Баръакси вулгаризмҳо дар эвфемизмҳои фразеологӣ ҳарактеристикаи мусбати предмети ифодашаванда, муносибатҳои гуногуни навозиш, лутф, нармию мулоиматӣ ифода меёбанд. Онҳо бештар дар ивази ифодаҳои дурушт ба кор бурда мешаванд: «ба дунё овардан-таваллуд кардан», «аз ақл бегона шудан-девона шудан»[3,83].

Дар забоншиносии тоҷик бори аввал дар тадқиқоти ба ҳаёт ва эҷодиёти Сайидои Насафӣ бахшидаи академик Абдулғанӣ Мирзоев доир ба мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар ашъори шоир ишораҳои мухтасарро мушоҳида мекунем. Дар таҳқиқоти арзишманди забоншиносу услубшинос Носирҷон Маъсумӣ “Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик”, ки ба омӯзиши забон ва услуби повести “Марги судхӯр”-и С.Айнӣ бахшида шудааст, доир ба воҳидҳои фразеологӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо таҳти унвони “Идиоматика ва фразеология” як фасл ҷудо карда шудааст.

Муҳаққиқ К.Тоҳирова низ мавҷудияти эвфемизмҳои фразеологиро дар забони адабии тоҷик эътироф намуда, дар заминаи муқоисаи ин воҳидҳои забонӣ дар забонҳои русию тоҷикӣ як силсилаи онҳоро, аз қабили «дасташ қалб», «ба зери қанот гирифтан», «сабукдӯш кардан» ва амсолашонро ба риштаи таҳлил кашидааст[8,20].

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Дар гуфтору муошырати ҳаррӯза бидуни эвфемизмҳо муомилаву мубодилаи афкори одамон имконнопазир мегардад, низоми муошират вайрон мешавад. Масалан, дар романи «Ғуломон» устод С.Айнӣ калимаи мурдан, фавтиданро бо ибораи фразеологии «бандагии худро ба ҷо овардан» истифода бурдааст: «-Баъд аз ду сол падарашон бандагии худро ба ҷо оварданд ***(мурданд),*** ин канизак ба мо ду бародар мерос монд»[5,83]. Дар ин маврид амиқ мушоҳида мешавад, ки ибораи «бандагиро ба ҷо овардан» мазмуни баланди эҳтиром кардани падару модарро ифода менамояд. Доир ба эвфемизмҳо боз далелу истинод ва мисолҳои фаровон овардан мумкин аст.

Умуман, дар мавриди сарукор намудан бо воҳидҳои фразеологӣ ҳамеша кас дар атрофи як масъалаи муҳим бештар фикру мулоҳизаронӣ мекунад, ки ин ҳам бошад, масъалаи халқият аст. Яъне, воҳидҳои фразеологӣ дар қатори зарбулмасалу мақол маҳсули афкору андеша ва таҷрибаи ҳаёти мардум мебошад. «Истифодаи воҳидҳои рехта ба масъалаи халқият марбут аст. Халқият яке аз масъалаҳои муҳимтарини адабиёти бадеӣ ба шумор меравад. Вақте ки ба моҳияти иҷтимоии осори шоирону нависандагон баҳо медиҳанд, халқият санги маҳак аст»[9,47].

Дар ин маврид боз ҳаминро метавон илова кард, ки маҳаки асосии забони халқ дар осори бадеӣ зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологӣ мебошад ва албатта дар ин ҳукм ҷойи баҳсе нест. Як андеша дар забони халқ ба садҳо обуранги бадеӣ истеъмол мешавад. Ҳоло барои мисол мазмуни меҳнати зиёд, меҳнати вазнин карданро мо дар мисолҳои зер мебинем ва бо қаринаҳои эвфемизми он муқоиса мекунем:

**«Мол бо арақи ҷабин ёфтан»** — бо меҳнати зиёд ва меҳнати ҳалол музду маош ёфтан: «-Имрӯз, — гуфт ӯ, — агар 50 ман ғӯза баркашида бошам, аз моле, ки деҳқонони меҳнаткаш бо арақи чабин ёфтаанд, камаш 4 ман зада ба шумо додам»[4,66].

**“Қаймоқи меҳнат”** — натиҷаи меҳнати ҳалол, маҳсули заҳмати кас: “Мужики мазкур, ки шикамаш аз ҳосили замини хароб сер нашуд ва барои дурусттар кор кардан асбоби дуруст ҳам надошт, маҷбур шуд, ки бо ҳаққи арзон ё ин ки аз он хӯҷаини замин иҷора мегирифт ва маҷбур мешуд, ки қаймоқи меҳнати худро боз ба ҳамон соҳиби собиқи худ супорад”[4,66].

Чунон ки мебинем, ибораҳои **«мол бо арақи ҷабин ёфтан»** ва **«қаймоқи меҳнат»** ба маҳсули меҳнат, музду баҳои кор далолат мекунад ва ибораҳои мазкур ба ҳадди камол мазмуни баланду барҷастаро ифода кардаанд.

Мафҳуми халқият ду ҷиҳат дорад: маъноӣ ва шаклӣ, ки аз махсусиятҳои адабиёти бадеӣ маҳсуб меёбад. Эвфемизмҳо одатан дар калом салосату нафосат ва ифоданокиро меафзоянд ва дар баробари ин, ба сухан мазмуну эҳтиром илова менамоянд. Воҳидҳои фразеологии **«дил ба касе додан», «хотири касеро риоя кардан”** дорои обуранги мусбат мебошанд ва ба маънии дӯст доштани касе, касеро эҳтиром кардан меоянд.

Ҷиҳати шаклии халқият марбут ба он аст, ки шоир ё нависанда дар офаридани асар аз забони халқ то чӣ андоза моҳирона истифода намудааст. Дар ҷумлаи зер ибораи **“ба як болишт сар ниҳодан”** ба маънии оиладор шудан, дар як оила зиндагӣ кардан, занушавҳарӣ меояд, ки дар забони мардум хеле фаровон истифода мешавад. “ — Ман дар ин бора ҳам қавл додам. Ман гумон карда будам, ки пас аз қайд кунонда, ба як болишт сар ниҳодан ӯро ба роҳи худ даровarда метавонам. Аммо...”[5,547].

Дар забоншиносии тоҷик як гурӯҳ воҳидҳои фразеологӣ боз аз рӯи ифода намудани мазмуни мамнӯъ аз дигар воҳидҳои фразеологӣ ҷудо меистанд. Дар ин ҳолат онҳо бо мафҳумҳои гуногуни хурофот ва расму оинҳои анъанавӣ алоқамандӣ доранд. Ибораҳои фразеологии **“чашми бад расидан”** ба маънии омад накардани кор, бебарорӣ; **“ба иғвои шайтон даромадан”** ба роҳи бад рафтан, ба шарру бадӣ даст задан; **“ба карами худовандӣ паноҳ бурдан”** ба Худованд эътиқод кардан, таваккал кардан ба Худованд омадааст.

Дар эҷодиёти устод С.Айнӣ истифодаи чунин эвфемизмҳои фразеологӣ хуб мушоҳида мешавад. Чунончӣ: «-Дуруст аст, ки ба давлати ҷаноби олӣ чашми бад расид. Он шахс гурехтанд. Монанди Абдуллобойбача одамони кӯтоҳандеша ҳам бо ҳамроҳии он кас гурехтанд. Ҳатто худи ман ҳам ба иғвои шайтон даромада, гурехтанӣ шуда будам. Лекин боз сабр кардам, ба карами худовандӣ паноҳ бурда, оқибати корро нигарон гардидам»[5,318].

Ибораи фразеологии **«теша ба решаи касе задан»** ба маънии нобуд кардани касе мебошад: “- Ман гумон дорам, ки инҳо ба ҳукуматҳо хабарҳои росту дурӯғро расонда, кӯшиш ҳоҳанд кард, ки ба решаи мову шумо теша зананд»[5,319].

Ҳамчунин эвфемизмҳои фразеологӣ бо мазмунҳои дигар аз қабили ифодаи мазмуни мафҳумҳои рамзии гурӯҳҳои мухталифи ҷамъиятӣ низ ба кор бурда мешаванд. Ибораи дар боло овардашудаи «теша ба решаи касе задан» аз қабили чунин эвфемизмҳои фразеологӣ мебошад.

Дар осори бадеии устод Айнӣ навъҳои гуногуни эвфемизмҳоро дидан мумкин аст. Ибораи **«хуни касе ба касе ҳалол шудан»** ба маънии раво будани қатли касе барои касе аст ва дар шакли нисбатан пардапӯшона ва рамзӣ гуфта шудааст. Ҳамчунин ибораҳои фразеологиеро вохӯрдан мумкин аст, ки маънӣ нозуконавуа маҷозона гуфта шудааст: “-Бобособир ку, — гуфт Сафарғулом ба Бобомурод нигоҳ карда, — замини туро пахш карда гирифта, хунаш ба ту ҳалол шуда будааст, аммо гуноҳи ин кампир чӣ буд, ки ӯро ҳам куштӣ?»[5,465].

Ибораи фразеологии **«сир кушода шудан»** мазмуни ошкор шудан, расво шудани кас, шармандаву фош шудани сирри ниҳонӣ буда, муродифи фразеологии ин ибора **«баромадани миси касе»** мебошад: «Мо, — гуфт бой, — вақте ки Бобособирро ғалтондем, занак омаду ба мо часпида, моро шинохт. Бинобар ин ғайр аз куштан ҷораи дигар надоштем. Вагарна сирри мо кушода мешуд»[5,465].

Ҳамчунин ибораҳои **«дил шикастан»** низ ба таври рамзомез гуфта шудаанд: «-Дар аввал ту дили ӯро шикастӣ. Дили шикаста ба узру маъзаратҳои хушку холӣ дуруст нахоҳад шуд»[5,584]. Ибораи фразеологии **«аҳдро шикастан»** ба маънии нохалафӣ кардан ба касе, ки ваъда медиҳад, дурӯғ гуфтан ва хиёнат кардан ба касе омадааст: «-Кори мову ту ҳамин ҷо

буд, ки ту аҳди худро шикастӣ, ман ҳам аҳди худро шиканам айб мафармо, — мегуфт ва мехост, ки аз хона баромада равад»[5,548].

Имконоти услубии эвфемизмҳои фразеологӣ хеле густурда ва гуногун буда, забони асари бадеӣ тавассути онҳо басо ҷаззоб, пуробуранг, барҷаста мегардад. Забони осори бадеиро бидуни эвфемизмҳои фразеологӣ тасаввур кардан мумкин нест. Илова бар ин, барои мушаххас намудани персонажҳои асар, муносибати онҳо ба ҳамдигар эвфемизмҳои фразеологӣ нақши калон мебозанд.

Эвфемизмҳои фразеологӣ ва вулгаризмҳои фразеологиро забоншиносон аз ҷумлаи ибораҳои фразеологии образнок дониста, чунин баҳо медиҳанд: “Хусусияти барҷаста ва характерноки ин гуна ибораҳо обуранги бадеии баланд ва ҷиҳати эмотсионалии баланди онҳо мебошад. Ибораҳои фразеологии образнок дар заминаи маънои маҷозӣ гирифтани калима ва ифодаҳои таркиби ибораҳо ба вуҷуд омада, хусусиятҳои экспрессивӣ-эмотсионалии забони тасвирӣ ва нутқи персонажҳоро таҷассум менамояд. Нависанда ибораҳои фразеологии образнокро, махсусан дар забони персонажҳо бештар истеъмол намуда, ба хушбаёнӣ, таъсирбахшӣ ва хусусиятҳои фардии нутқ ноил мегардад”[6,10].

Ҳамин тавр, воҳидҳои фразеологиро асоси забони осори бадеӣ донистан мумкин аст ва дар онҳо ба ғайр аз хусусиятҳои ифодаи маънои манфӣ (вулгаризмҳо) ва маънои мусбат (эвфемизмҳо) боз хусусиятҳои дигари барҷастаи забониро дидан метавон.

## ХУЛОСА

Эвфемизмҳо дар забони тоҷикӣ воситаи муқтадири ифодаи фикр мебошанд, ки тавассути онҳо нутқ муассиру пуробуранг мегарадад. Хусусан, нақши онҳо дар масъалаи иваз намудани вожаҳои табуӣ, дурушту қабеҳ бағоят назаррас аст. Дар баробари ин, эвфемизм имконият медиҳанд, ки гӯянда аз манзури бемавриди ному мафҳуми як ашёву ҳодиса худдорӣ намояд ва дар ин замина онҳо як омили муҳими пайдоиши муродифоти луғавию матнӣ (лаҳзавӣ, танҳо дар доираи як матни ҷудогона) мегарданд. Ҳамчун воситаи пурқиммати муассирӣ ба нутқ оҳанги мутантан ва шукӯҳ бахшида, имконият медиҳанд, ки меъёрҳои ахлоқ миёни аъзои ҷомеа риоя шаванд. Маҳз эвфемизмҳо боис мегарданд, ки маданияти нутқи гӯянда, сатҳи донишу маҳорати сухангуӣ ва дараҷаи бофарҳангии афрод дар ҳолатҳои гуногуни иҷтимоӣ муайян карда шавад.

### АДАБИЁТ

1. Ҳусейнов Ҳ. Шукурова К. Луғати терминҳои забоншиносӣ. Душанбе:- Маориф, 1983, 256 саҳ. (Huseynov H. Shukurova K. Dictionary of linguistic terms. Dushanbe: — education, 1983, 256 p.)

2. Dr. Mohammad Fallahi Moghimi, Dictionary of linguistics& language learning. Tehran.: Publication of Iran University of Science and Technology, 1997. C. 128

3. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. –Душанбе:-Деваштич, 2007. (Majidov H. Modern Tajik literary language. Volume 1. Dictionary. — Monday: — Devashtich, 2007).

4. Муҳаммадиев М. Луғати синонимҳои забони тоҷикӣ.Душанбе:-Маориф.1993.-273 с.( Mukhammadiev M. Dictionary of synonyms of the Tajik language.Monday: — Education.1993.-273 p.)

5. Айнӣ С. Ғуломон. Душанбе: -Нашриёти давл.Тоҷ,1959, 620 с.( Aini S. Slaves. Dushanbe: — davle publishing house.The Crown, 1959, 620 p.)

6. Ҳасанов И. Лексика и фразеология романа Джалол Икроми. “Духтари оташ”Автореф. Дисс.канд.филол.наук.Пенджикент.-1966. (Khasanov I. Vocabulary and phraseology of the novel Jalol Ikromi. ”The Girl of fire " Autoref. Diss.cand.philol.sciences.Penjikent.-1966).

7. Айнӣ С. Луғати нимтафсиллии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт.Ҷилди 12. Душанбе:-Ирфон, 1976.( Aini S Tajik semi-strong dictionary for the Tajik literary language. Kulliet.Volume 12. Monday: — Irfan, 1976).

8. Тоҳирова К. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Душанбе: -Дониш,1967.( Tairova K. Vocabulary of the modern Tajik literary language. Monday: — Knowledge, 1967).

9. Абдуқодиров А., Давронов А. Каломи Камол. –Хуҷанд. Раҳим Ҷалил, 1998.-216 с. ( Abdukhodirov A. Davronov A. The Word of Perfection. — Khujand. Rahim Galilei, 1998.- 216 c).